Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсия Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод гардидааст.**

Мубрамии мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» бо зарурати зиёд намудани шумораи ҷойҳои кории холӣ, дарёфти роҳҳои танзими арзаву тақозо дар бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи тахассусии қувваи коргарӣ, ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ вобаста аст. Сарфи назар аз ислоҳот ва сармоягузорӣ ба рушди иқтисоди миллӣ, барномаҳои рушди бозори меҳнат ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, Тоҷикистон бо чунин мушкилот рӯ ба рӯ мешавад, аз қабили нарасидани кадрҳои баландихтисос, нобаробарии арза ва тақозо дар бозори меҳнат, коҳиш додани бекорӣ ва таъмини шуғли устувор, эҷоди фазои мусоиди иқтисодӣ. Татбиқи низоми самараноки шуғли пурмаҳсул, дарёфти самтҳои нави муҳоҷирати меҳнатӣ, рушди соҳибкорӣ ва пайдо кардани ҷойҳои нави корӣ, ки ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои расидан ба фарогирии умумии аҳолӣ бо ҷойи корӣ мувофиқат мекунад ва ин мавзуъро барои танзими бозори меҳнат, ҷиҳати таъмини рушди устувор ва некӯаҳволии аҳолии кишвар нақши калидӣ мегардонад.

Дар ҷараёни ин таҳқиқот муаллиф масъалаҳои асосии ташаккули асосҳои ташкилию иқтисодӣ ва молиявии такмили танзими давлатии бозори

меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷиратро таҳлил ва баррасӣ намудааст. Моҳияти таҳқиқот дар таҳия ва такмили асосҳои консептуалии танзими бозори меҳнат ифода меёбад, ки бо дарназардошти таъсири афзоишёбандаи равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хосса пайдо мекунад. Дар доираи таҳқиқот, равишҳои нави илмӣ барои ташаккули низоми муассири танзими давлатии бозори меҳнат пешниҳод гардида, моделҳо ва меъёрҳои мутобиқсозӣ ба воқеияти иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳия шудаанд, ки метавонанд дар рушди минбаъдаи сиёсати муносибатҳои меҳнатӣ ва коҳиш додани таъсири манфии муҳоҷират саҳми назаррас гузоранд. Таҳқиқот равишҳои нави илмӣ ва амалӣ барои танзими бозори меҳнатро пешниҳод менамояд, ки ҷавобгӯ ба шароит ва талаботи муосири иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Дастовардҳои муаллиф дар автореферат, инчунин аз он иборат аст, ки усулҳои танзими бозори меҳнат бо дарназардошти равандҳои муҳоҷиратро (саҳ. 31-32) гурӯҳбандӣ намуда, усулҳои ҷадидро пешниҳод намудааст, инчунин шаклҳои нави шуғли аҳолӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунониро дар саҳифаҳои 37-39-и автореферат таҳқиқ намуда, равияҳои нави онро ошкор намуда, омилҳои асосии номувозинатиро дар бозори меҳнат (саҳ. 43-44), гурӯҳбандӣ намуда, роҳҳои такимили онро пешниҳод намудааст.

Новобаста аз ин, дар таҳқиқоти мазкур хуб мешуд агар унвонҷӯ ба масъалаҳои зерин аҳамият медод:

1. Беҳтар мешуд агар муаллиф дар раванди таҳияи кори худ бозори меҳнатӣ дохилиро ба таври васеътар таҳлил менамуд, ҷанбаҳои манфӣ ва мусбии танзими бозори меҳнатиро муайян карда пешниҳодҳои худро пешкаш менамуд;
2. Хуб мешуд, дар оянда масъалаҳои татбиқи шаклҳои муосири танзими бозори меҳнатии пешқадами ҷаҳониро васеътар баррасӣ менамуд.

Гуфтан лозим аст, ки эродҳои овардашуда арзиши илмии рисолаи муаллифро кам намекунанд ва аҳамияти тавсиявӣ доранд.

Бар замми ҳамаи андешаҳои овардашуда, автореферати диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси зикргардида мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Қурбонзода М.Р.

*Дурустии имзои Қурбонзода М.Р.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.
23.08.2025

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67*
*Тел: +(992)3222-2-54-81, +(992)3222-2-22-53, E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj*